Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-105 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои геологию минералогӣ,
Сафарализода Н.С.
«05» 11 2026

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

ба диссертатсияи Абдуллозода Нарзулло Исҳоқ дар мавзуи «Пешгӯӣ намудани ҳодисаҳои экстремалии гидрологӣ ва интихоби усулҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо истифода аз моделҳои математикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.2. Илмҳои компютерӣ ва информатика (1.2.8. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо)

1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсияи Абдуллозода Нарзулло Исҳоқ ба шиносномаи ихтисоси илмии 1.2. Илмҳои компютерӣ ва информатика пурра мувофиқат менамояд. Дар диссертатсия масъалаҳои пешгӯӣ намудани сатҳи оби дарё бо истифода аз усули Гумбел, таҳияи комплекси барномаҳо барои ҳисоби масрафи масолеҳи сохтмонии садд дар асоси натиҷаи пешгӯишудаи сатҳи оби дарё мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муҳтавои таҳқиқот ба самтҳои асосии ихтисоси мазкур, аз ҷумла моделсозӣ, усулҳои ададӣ мутобиқат менамояд.

2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Мавзуи интихобгардидаи таҳқиқот мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳим - пешгӯӣ намудани ҳодисаҳои экстремалии гидрологӣ ва интихоби усулҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо истифода аз моделҳои математикӣ бахшида шудааст. Мубрамияти масъалаи

устуворияти иншоотҳои гидротехникӣ, аз ҷумла соҳилмустаҳкамкунии минтақаҳои ноустувор, имрӯз дар мадди аввал меистад. Пешгӯии сатҳи оби дарё яке аз муҳимтарин вазифаҳо дар гидрология мебошад. Шумораи зиёди маҳалҳои аҳолинишин, объектҳои инфрасохторӣ ва заминҳои кишоварзӣ дар минтақаҳое ҷойгиранд, ки ба обхезӣ осебпазиранд. Пешгӯӣ на танҳо барои огоҳӣ ва пешгирии падидаҳои хатарноки гидрологӣ зарур аст, балки он барои чунин соҳаҳои хоҷагии халқ, мисли энергетика, таъминоти об ва ғайра лозим мебошад. Пеш аз оне, ки масъалаҳои соҳилмустаҳкамкунӣ иҷро карда шаванд, аввалан бояд аз ҳама нуқтаи баландтарини сатҳи обро ва ё масрафи обро муайян намуд. Ба масъалаҳои захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилоти истифодаи онҳо, таваҷҷуҳи олимони зиёди ҷумҳурӣ ҷалб карда шудаанд, аммо истифодаи моделҳои математикӣ дар пешгӯӣ намудани сатҳи оби дарё ва таҳия барномае, ки барои ҳисоби масрафи масолеҳи сохтмонии садд истифода мешавад, масъалаи актуалӣ мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф, аҳамияти баланди илмӣ дорад.

3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Асоси методологии ин таҳқиқот аз моделсозии математикӣ ва усулҳои ададӣ иборат мебошад. Дар рисола таҳқиқи усулҳои математикии пешгӯинамоӣ, хусусан усули Гумбел ва регрессияи хаттӣ барои муайян намудани ҳолатҳои экстремалии об, мисли сатҳи максималии оби дарёи Панҷ (деҳаи Хирманҷо) бо саҳеҳии баланд ва исботҳои математикии асоснок кардашуда ва ҳисобҳои оморӣ пешниҳод шудаанд. Дар асоси натиҷаҳои бадаст овардашуда муҷтамаи нави барномаҳо сохта шудааст, ки дар навбати худ барои пешгӯӣ намудани ҳолатҳои экстремалии оби дарё (сатҳи баландтарини оби дарё, масрафи зиёдтарини оби дарё), ҳисоби масрафи масолеҳи сохтмонӣ ва муайян намудани маблағи умумии он пешбинӣ шудааст.

4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Навгонии илмии диссертатсия пеш аз ҳама дар таҳқиқи маҷмуии масъалаҳои пешгӯӣ намудани ҳодисаҳои экстремалии гидрологӣ ва интихоби усулҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо истифода аз моделҳои математикӣ ифода меёбад. Дар доираи таҳқиқот бори аввал барои пешгӯӣ намудани сатҳи оби дарёҳои ҷумҳурӣ усули Гумбел истифода гардида натиҷаҳои асосии зерин ба даст оварда шудаанд:

- истифодаи амсилаҳои математикӣ дар пешгӯӣ намудани сатҳи оби дарё;
- ҳисоби гидравликии оби дарё пешниҳод (ҳисоб) карда шуда, бурриши кундалангии экосистема (минтақа) сохта шуд;

- комплекси нави барномаҳо, ки барои пешгӯӣ намудани сатҳи баландтарини об, масрафи максималӣ ва ҳисоб кардани масрафи масолеҳи соҳилмустаҳкамкунӣ мусоидат менамояд, тартиб дода шудаанд.

Натиҷаҳои бадастомада бо истифода аз усулҳои математикӣ асоснок гардида, дорои эътимоднокии баланди илмӣ мебошанд.

5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои диссертатсия аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар истифода ва асосноккунии модели Гумбел, ки бо истифода аз маълумотҳои оморӣ барои пешгӯӣ намудани сатҳи баландтарини оби дарё истифода гардидааст, ифода меёбад. Натиҷаҳои бадастомада имконият медиҳанд, ки сатҳи максималии оби дарё барои солҳои оянд пешгӯӣ карда шуда, дар асоси он масрафи масолеҳи сохтмонӣ барои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ҳисоб карда шавад.

Аҳамияти илмию амалии кор аз он иборат аст, ки натиҷаҳои назариявӣ бо формулаҳои ҳисобӣ ва алгоритмҳои сохташуда барои дар амалия татбиқ намудан имконият медиҳад. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада дар забони барномасозии C# муҷтамаи барномаҳо сохта шудаанд, ки дар асоси сатҳи пешгӯикардашудаи оби дарё ва вобаста аз усули соҳилмустаҳкунӣ масрафи масолеҳи сохтмонӣ ҳисоб карда мешавад. Барномаи мазкур аллакай дар ду корхона мавриди истифода қарор дода шудааст: яке корхонаи воҳиди давлатии Институти лоиҳакашии “Тоҷикгиппроводхоз” ва дигаре захираҳои оби минтақаи ҳавзавии дарёи Панҷ. Маводи диссертатсия метавонад дар таълими курсҳои махсус, семинарҳои илмӣ ва машғулиятҳои тахассусӣ барои донишҷӯёни зинаҳои болоии таҳсилот, магистрантон ва докторантон аз руйи ихтисосҳои информатика, моделсозии математикӣ ва компютерӣ, математикаи амалӣ ва механика мавриди истифода карор гирад.

Аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии кор дар кам кардани меҳнатталабии ҳисобкуниҳо ва имконияти истифодаи усулҳо ва воситаҳои барномавии таҳияшуда дар ҷараёни таълим ва истеҳсолот мебошад.

6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо асосноккунии қатъии математикӣ, бо истифода аз усулҳои Гумбел ва регрессияи хаттӣ таъмин карда мешавад. Илова бар ин, дурустӣ ва самаранокии усулҳои ададии пешниҳодшуда тавассути муқоисаи маълумотҳои оморӣ бо маълумотҳои пешгӯикардашуда ва татбиқи онҳо бо як силсила озмоишҳои компютерӣ дар асоси муҷтамаи барномаҳои

сохташуда тасдиқ шудаанд. Истифодаи ин усулҳо эътимоднокии натиҷаҳоро барои пешгӯии сатҳи баландтарини оби дарёҳои ҷумҳурӣ бо мақсади анҷом додани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ кафолат медиҳад.

7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Аз муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои бадастомада бармеояд, ки натиҷаҳои асосии илмӣ бевосита аз ҷониби довталаб ба даст оварда шудаанд. Муаллиф масъалахои таҳқиқшавандаро таҳлил намуда, усулҳои ҳалли онҳоро таҳия ва татбиқ кардааст, алгоритми пешгӯии сатҳи экстремалии оби дарё бо истифода аз модели Гумбел ва алгоритми худкорсозии ҳисоби масрафи масолеҳи сохтмониро барои садд тартиб додаст. Дар корҳои муштарак саҳми хаммуаллифон асосан ба муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада ва таҳлили ҷанбаҳои алоҳидаи таҳқиқот маҳдуд мебошад. Хамин тавр, саҳми шахсии Абдуллозода Нарзулло Исҳоқ дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ назаррас ва муайянкунанда мебошад.

8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Аз рӯйи мавзуи диссертатсионӣ 12 мақола нашр шудаанд [1-М - 12-М]. Аз онҳо 6 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 6 фишурдамақола дар маводҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр гардидаанд. Илова бар ин, ду шаҳодатномаи ҳифзи ҳуқуқи муаллиф дар ин мавзуъ пешниҳод карда шудааст.

9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад. Феҳристи адабиёт 145 номгуйро дар бар мегирад. Дар диссертатсия низоми рақамгузории серақама истифода шудааст, ки дар он рақами аввал рақами боб, рақами дуюм рақами зербоб ва рақами сеюм бошад рақами ҷадвалҳо, расмҳо ва формулаҳоро ифода менамояд. Матни диссертатсия бо истифода аз барномаи Microsoft Word омода гардида, аз 152 саҳифа иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, дараҷаи омузиши масъала, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада, дараҷаи эътимоднокии онҳо, инчунин дигар ҷанбаҳои муҳими таҳқиқот ба таври мукаммал инъикос гардидаанд. Боби якуми диссертатсия ба таҳлили адабиёти мавҷуда оид ба мавзӯи кори диссертатсионӣ бахшида шуда, таҳқиқоти назариявию методологӣ, таҳлили мушкилоти мавҷуда ва натиҷаҳои ба дастомада, инчунин масъалаҳои ҳанӯз ҳалнашудаи мавзуи

диссертатсия оварда шудааст. Боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ фарогири таҳқиқи усулҳои математикии пешгӯинамоӣ, хусусан усули Гумбел ва регрессияи хаттӣ барои муайян намудани ҳолатҳои экстремалии об, мисли сатҳи максималии оби дарёи Панҷ (деҳаи Хирманҷо) бо саҳеҳии баланд ва исботҳои математикии асоснок кардашуда ва ҳисобҳои омориро дарбар мегирад. Дар ин боб барои муқоиса ва баҳодиҳии наздикии натиҷаҳо аз коррелятсия истифода карда шуда, наздикии маълумотҳои оморӣ ва маълумотҳои пешгӯикардашуда дар шакли графикӣ пешниҳод гардидааст.

Дар асоси маълумотҳои омории соли 1983 ва пешгӯиҳои соли 1984 бо истифодаи усули Гумбел, муайян гардид, ки ин усул барои арзёбии сатҳи баландтарини оби дарёҳо натиҷаи хеле наздик ба воқеият медиҳад. Ҳисобҳо нишон доданд, ки сатҳи баландтарини оби соли 1984 (маълумотҳои воқеӣ) ба 6,08 метр баробар буда, пешгӯии усули Гумбел онро 6,42 метр муайян намудааст. Арзиши коэффисиенти детерминатсия R^2=0,8987 далели он аст, ки мувофиқати байни маълумотҳои оморӣ ва пешгӯӣ хеле саҳеҳ мебошад. Илова бар ин, таҳлили даҳсолаи солҳои 1980-1990 нишон дод, ки усули Гумбел метавонад бо эътимод сатҳи максималии обро то ба 7,29 метр пешгӯӣ кунад, ки ин аз маълумоти воқеӣ 0,06 метр фарқият дорад. Дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳо ва мувофиқатии усули Гумбел мо дар асоси барномаи сохташуда барои дарёи Панҷ (деҳаи Хирманҷо) сатҳи баландтарини обро барои солҳои 2026, 2027, 2029, 2034, 2040 ва 2050 пешгӯӣ намудем, ки сатҳи баландтарини об то соли 2050 ба 8,56 метр мерасад.

Дар ин боб, инчунин зарурати мутобиқсозии усул ба шароити маҳаллӣ таъкид шудааст, зеро дарёи Панҷ асосан аз ҳисоби обшавии барф ва пиряхҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ташаккул меёбад. Аз ин лиҳоз, параметрҳои иловагӣ, мисли ҳарорати ҳаво, масоҳати пиряхҳо, суръати обҳои ҷоригардида аз пиряхҳо ва селҳои кӯҳӣ ба назар гирифта мешаванд.

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ муҷтамаи нави барномаҳо сохта шудааст, ки дар навбати худ барои пешгӯӣ намудани ҳолатҳои экстремалии оби дарё (сатҳи баландтарини оби дарё, масрафи зиёдтарини оби дарё), ҳисоби масрафи масолеҳи сохтмонӣ ва муайян намудани маблағи умумии он пешбинӣ шудааст.

Пешниҳоди чунин барнома имкон медиҳад, ки дар муддати кутоҳ масрафи масолеҳи сохтмонӣ ва маблағи он муайян карда шавад, ки ин ба рушди инфрасохтори кишвар мусоидат мекунад.

Метавон гуфт, ки аллакай барнома кори худро нишон додааст, яъне он дар мавриди истифода дар корхонаҳои воҳиди давлатии Институти

лоиҳакашии “Тоҷикгиппроводхоз” ва захираҳои оби минтақаи ҳавзавии дарёи Панҷ қарор гирифтааст. Бевосита бо истифода аз ин барнома масрафи масолеҳи сохтмонии минтақаҳои дарёҳои Панҷ, Қизилсу ва Кофарниҳон муайян карда шуда, бурриши кундалангии минтақаҳо сохта шуда соҳилмустаҳкамкунӣ анҷом дода шудааст.

Муҷтамаи барномаи таҳияшуда имконият медиҳад, ки самаранокиии иқтисодии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар раванди татбиқи лоиҳаҳои калони инфрасохторӣ баланд гардад. Натиҷаҳои бадастомада дорои аҳамияти назариявии муҳим буда, заминаи методологии ҳалли масъалаҳои соҳилмустаҳкамкуниро васеъ месозанд. Ҳамзамон онҳо арзиши амалӣ доранд, зеро бо назардошти сатҳи максималии оби дарё устуворнамоии соҳил дар сатҳи баланд таъмин карда мешавад. Истифодаи барномаи таҳияшуда дар дилхоҳ дарёҳои ҷумҳурӣ имконпазир аст.

10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки он бо риояи талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Сохтори диссертатсия, тартиби пешниҳоди маводи илмӣ, дараҷаи асоснокии натиҷаҳо, мавҷудияти навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, маълумот оид ба интишорот ва тасвиби натиҷаҳо ба талаботи муқарраршуда мувофиқат менамоянд. Мазмун ва натиҷаҳои илмии таҳқиқот ба ихтисоси 1.2. Илмҳои компютерӣ ва информатика (1.2.8. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо) пурра мувофиқат дошта, сатҳи баланди омодагии илмии довталабро нишон медиҳанд. Теъдоди корҳои нашршуда, иштироки муаллиф дар конференсияҳои илмии сатҳҳои гуногун ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ба талаботи амалкунандаи гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ мувофиқат менамоянд.

11. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталабе, ки дар диссертатсия дида мешаванд. Бо вуҷуди аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва сатҳи баланди илмии таҳқиқоти анҷомдодашуда, дар диссертатсия баъзе масъалаҳое ба назар мерасанд, ки хусусияти тавсиявӣ дошта, метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф мавриди баррасии иловагӣ қарор гиранд:

1.Маҳдудияти маълумотҳои оморӣ: Баъзе қаторҳои оморӣ, ки барои пешгӯӣ истифода шудаанд, муддати нисбатан кӯтоҳ доранд ва дорои

фосилаҳои холӣ мебошанд. Дар таҳқиқоти оянда истифодаи маълумотҳои дарозмуддат ва усулҳои пуркунии қаторҳои нопурра мақсаднок аст.

2.Васеъ намудани дастаи барномаҳо, яъне ба инобат гирифтани усулҳои дигари соҳилмустаҳкамкунӣ (мустаҳкамнамоӣ бо сангҳои калонҳаҷм, мустаҳкамнамоӣ бо оҳану бетон ва ғайраҳо).

3.Камбудиҳои техникӣ ва таҳрирӣ: Дар баъзе ҷойҳои диссертатсия хатогиҳои хурди услубӣ ва таҳрирӣ, ба назар мерасанд, ки ба мазмуни илмии кор таъсир намерасонанд:

3.1. Дар автореферат саҳифаи 14 абзатси пеш аз ҷадвали 2.6.4 сатрҳои 3-5 калимаи мушоҳидашавандаро дар шакли «мушоҳидашавндаро» омадааст ин хатогӣ дар саҳифаи 80 -и диссертатсия низ пеш аз ҷадвали 2.6.4 омадааст.

3.2. Дар автореферат саҳифаи 8 абзатси чорум калимаи соҳилмустаҳкамкунии дар шакли «соҳилмустаҳкамкунйи» омадааст. Ин хатогӣ дар саҳҳифаи 27 дар сатри [3-М] низ омадааст.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада таъсири манфӣ намерасонанд.

12. Ҳулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Хулоса, диссертатсияи Абдуллозода Нарзулло Исҳоқ дар мавзуи «Пешгӯӣ намудани ҳодисаҳои экстремалии гидрологӣ ва интихоби усулҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо истифода аз моделҳои математикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.2. Илмҳои компютерӣ ва информатика (1.2.8. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқат мекунад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.2. Илмҳои компютерӣ ва информатика (1.2.8. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 72-78-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби д.и.т., профессор, узви вобастаи АМИТ, мудири лабораторияи зилзилатобоварии бино ва иншооти Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Низомов Ҷ.Н. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи васеъи кормандони Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №10 аз 5-уми ноябри соли 2026).

Дар ҷаласаи васеъи кормандони Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иштирок доштанд: 22 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 22 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
Директори Институти геология,
сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар
ва сейсмологияи АМИТ, н. и. г. м., дотсент Сафарализода Н.С.

Эксперт:
Мудири лабораторияи зилзилатобоварии бино
ва иншооти Институти геология, сохтмони ба
заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи
АМИТ, д.и.т., профессор Низомов Ҷ.Н.

Котиби ҷаласа:
Котиби илмии Институти геология, сохтмони ба
заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ Ҳоҷиев А.К.

Имзоҳои Н.С. Сафарализода, Ҷ.Н. Низомов ва
А.К. Ҳоҷиев-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Институти геология, сохтмони ба
заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ Карокатуллои Ю.

Суроғаи муассисаи пешбар:
734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айни 267 .
Тел./Fax.: +992 (37) 225-77-69.
E-mail: igees_asrt@mail.ru; сомонаи расмӣ: www.igees.tj.
«05» 11 соли 2026.